**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо аз назари забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии қавмӣ дар асоси маводи забонҳои гуногуннизом ва тавассути онҳо нишон додани хусусиятҳои ба ҳам шабеҳ ва мутавофит дар дарки ҷаҳон яке аз масоили мубрами илми забоншиносии тоҷик дар марҳилаи муосир мебошад. Дар рисолаи Парвоева Нурҷаҳон, ки зарбулмасалу мақолҳо дар асоси маводи забонҳои вахонӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, маҳз ба масъалаи мазкур бахшида шудааст. Роҷеъ ба муҳиммияти таҳқиқи ин масъала муаллифи рисола дуруст қайд кардааст, ки “зарбулмасалу мақолҳо вобастагии зеҳнияти хоси мардумро, ба мисли расму оин, зисту зиндагӣ ва ҷаҳонбинӣ дар бар мегиранд. Омӯзиш ва пажӯҳиши хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ равзанаи наверо дар таҳқиқоти илмии забони вахонӣ, хусусан забоншиносии тоҷик, хоҳад кушод”.

Албатта равшан аст, ки дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои муҳиме нуҳуфтаанд, ки таҳқиқу омӯзиши онҳо боиси ғанӣ гардидани илми мазкур ва фарҳанги маънавии мардум мегардад.

Навоварии илмии рисолаи мазкур аз он иборат аст, ки дар он бори нахуст дар забоншиносии тоҷик зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси дарки олами атроф дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикони вахонизабон ва мардумони англисзабон нишон дода шудааст.

Парвоева Н.З. ҷиҳати расидан ба ҳадафи пешгузоштааш диссератсияро дар се боб мураттаб намудааст. Дар боби аввал асосҳои назариявии таҳқиқот ва самтҳои омӯзиши зарбулмасалу мақолҳоро дар забоншиносии муосир ба риштаи таҳқиқ кашида, дар боби дуюми кори илмӣ вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахониро дар муқоиса бо забони англисӣ муқоиса намудааст. Дар боби сеюми диссертатсия бошад, вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зербахшҳои тартибдодашуда ба мазмуни кор алоқаманд буда, қоидаҳои дастурӣ пурра ба эътибор гирифта шудаанд.

Бо вуҷуди комёбиҳои назаррас дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия хеле густурда мебошанд, агар бархе аз онҳо ба ҳам муттаҳид мешуд, беҳтар мебуд. Масалан, фаслҳои 1 ва 5-ум; 2-юм ва 3-юм боби аввал, фаслҳои 1-ум ва 2-юми боби сеюм.
2. Дар автореферат ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд таъкид кард, ки дар кушода додани масоили марбут ба мавзуъ аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва мутобиқати онҳо дар забони тоҷикӣ, ки дар диссертатсия баррасӣ гардидаанд, кӯшиш ва ғайрати унвонҷӯ баръало эҳсос карда мешавад, ки ин сифати баланди таҳияи диссертатсияро вобаста ба дастгоҳи илмӣ ифода менамояд.

Албатта, дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳо наметавонанд сабабгори коста гардидани сифати диссертатсия шаванд. Дар маҷмуъ диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) кори илмии анҷомёфтаест, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти, дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи диссертатсия муҳтавои онро инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия ба меъёрҳои «Низомномаи шӯрои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, кори диссертатсионӣ ҳамчун кори комил ва ба итмомрасида буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз, мудири кафедраи
мутолиоти аврупоии факултети
муносибатҳои байналхалқии ДМТ,
н.и.ф., дотсент Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии № 11
Тел: +(992)918 50 63 82
e-mail: akbar.n@mail.ru

Имзои Наҷмиддинов А.Ф.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.

23.08.22